ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 пешниҳод шудааст

Пироплазмидозҳо дар қатори бемориҳои муҳими инвазионии чорвои калони шохдор қарор дошта, паҳншавии онҳо дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо мавҷудияти канаҳои иксодӣ – интиқолдиҳандагони асосии барангезандагон алоқаманд мебошад. Хусусиятҳои иқлимӣ ва ландшафтӣ, таркиби фаунаи канаҳо, шароити нигоҳубини ҳайвонот ва омилҳои синну солию зотӣ метавонанд ба сатҳи сироятёбӣ ва хусусияти ҷараёни беморӣ таъсир расонанд. Аз ин лиҳоз, муайян намудани қонуниятҳои паҳншавии пироплазмидозҳо ва такмили чораҳои ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунанда яке аз масъалаҳои мубрами паразитологияи ветеринарӣ ба ҳисоб меравад.

Автореферати Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич нишон медиҳад, ки муаллиф дар доираи тадқиқот кӯшиш намудааст маҷмӯи масъалаҳои бо ҳам алоқаманди пироплазмидозҳои чорвои калони шохдорро ҳал намояд. Дар кор паҳншавии намудҳои асосии пироплазмидаҳо, аз ҷумла *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica*, хусусиятҳои инвазия дар минтақаҳои гуногун, таъсири омилҳои экологӣ ва биологии ҳайвонот, инчунин ҳолатҳои моно ва полиинвазия мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Навгонӣ ва ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот ин омӯзиши таркиби намудӣ ва паҳншавии канаҳои иксодӣ ҳамчун интиқолдиҳандагони пироплазмидозҳо мебошад. Муаллиф инчунин самаранокии ваксинаи заифкардашудаи зидди тейлериоз аз штамми S_{15}-и *Theileria annulata*-ро омӯхта, дар шароити таҷрибавӣ самаранокии 100%-и онро муайян кардааст. Истифодаи маводи зиддипротозойӣ ва инсектоакарисидӣ низ таҳлил гардида, маҷмӯи чораҳои табобатию пешгирикунанда пешниҳод шудааст. Натиҷаҳои тадқиқот аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар такмили чорабиниҳои байторӣ, пешгирии пироплазмидозҳо ва назорати ҳолати эпизоотии онҳо истифода шаванд.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки тадқиқот бо истифода аз маҷмӯи усулҳои саҳроӣ, паразитологӣ, клиникӣ, озмоишгоҳӣ ва таҷрибавӣ гузаронида шудааст. Ҳаҷми маводи тадқиқотӣ, гуногунии усулҳои истифодашуда ва муқоисаи натиҷаҳо бо маълумоти адабиёти илмӣ барои асоснок намудани хулосаҳои муаллиф заминаи зарурӣ фароҳам овардаанд.

Диссертатсия дар ҳаҷми 154 саҳифа таҳия гардида, аз муқаддима, баррасии адабиёт, мавод ва усулҳои тадқиқот, 13 зерфасли тадқиқоти хусусӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 273 сарчашмаро дар бар гирифта, аз онҳо 62 манбаи хориҷӣ мебошанд. Натиҷаҳои тадқиқот дар 11 ҷадвал ва 3 расм инъикос ёфтаанд.

Мазмуни автореферат инчунин фаъолияти илмии муаллифро оид ба мавзуи тадқиқот тасдиқ менамояд. Аз рӯйи натиҷаҳои диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда нашр шудаанд.

Мазмун, самтҳои тадқиқот ва натиҷаҳои бадастомада ба шаҳодатномаи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мувофиқат мекунанд. Дар кор масъалаҳои омӯзиши барангезандагони бемориҳои паразитӣ, хусусиятҳои паҳншавии онҳо, ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои инвазионӣ, инчунин омӯзиши интиқолдиҳандагон ва чораҳои мубориза бар зидди онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Хулоса

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» тадқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, ба ҳалли масъалаи муҳими паразитологияи ветеринарӣ равона шудааст. Дар он натиҷаҳои мушаххаси илмӣ оид ба паҳншавии пироплазмидозҳо, нақши канаҳои иксодӣ, хусусиятҳои инвазия ва самаранокии чораҳои табобатию пешгирикунанда пешниҳод гардидаанд. Бо дарназардошти мазмун, навгонии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба кормандони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мебошад.

Мудири кафедраи зоологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои биологӣ, дотсент Мирзоев Н.М.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: +(992) 934058605;
Почтаи электронӣ: mir.nur78@mail.ru
3 октябри соли 2026

Имзои Мирзоев Н.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел.: (992 (37) 221-62-25
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
3 октябри соли 2026